# 84271 - Мустаҳаб будани рӯзаи ҳашт рӯзи Зулҳиҷҷа барои ҳоҷӣ ва ғайри ҳоҷӣ

### савол

Ҳукми рӯза гирифтани ҳашт рӯзи аввали Зулҳиҷҷа барои ҳоҷӣ чист? Тавре ки ман медонам, рӯзаи рӯзи Арафа макруҳ аст.

### Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи ҳашт рӯзи аввали Зулҳиҷҷа барои ҳоҷӣ ва ғайри ҳоҷӣ мустаҳаб аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ҳеҷ рӯзҳое нест, ки амалҳои солеҳ дар он рӯзҳо назди Аллоҳ маҳбубтар аз ин рӯзҳои даҳгона бошад. Гуфтанд: Эй расулуллоҳ! Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ? Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, магар марде, ки бо ҷону молаш хориҷ шавад ва ҳеҷ якеро пас наёварад". Бухорӣ (969) ва Тирмизӣ (757) ин ҳадисро аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят намудаанд ва ин лафзи Тирмизӣ аст.

Дар "Мавсуъату-л-фиқҳийя" (28/91) омадааст:

"Донишмандон бар мустаҳаб будани рӯзаи ҳашт рӯзи аввали Зулҳиҷҷа, пеш аз рӯзи Арафа иттифоқ кардаанд… Моликиён ва шофеиён баён намудаанд, ки рӯзаи ин рӯзҳо барои ҳоҷӣ низ мустаҳаб аст". Поёни сухан.

Дар китоби "Ниҳояту-л-мӯҳтоҷ" (3/207) омадааст: "Рӯзаи ҳашт рӯз пеш аз Арафа суннат аст, чуноне ки дар китоби "Арравза" баён шудааст, ҳоҷӣ ва ғайри ҳоҷӣ дар он баробаранд. Аммо барои ҳоҷӣ рӯзаи рӯзи Арафа суннат нест, балки аз рӯи пайравӣ ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯза нагирифтани он барояш мустаҳаб аст, гарчанде ки пурқувват бошад ҳам, то ин ки барои дуо қувват дошта бошад". Поёни сухан бо каме тағйирот.

Аллоҳ донотар аст.